**«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»**
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
______ Мӯминзода Шероз Абдуҷаббор
«19» ___май___ соли 2026

**ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР**

**ба диссертатсияи Саидзода Диловар Абдулаҳад дар мавзуи «Набардҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои онҳо дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ (дар мисоли Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ. – Душанбе, 2026. – 426 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Диловар Абдулаҳад дар мавзуи «Набардҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои онҳо дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ (дар мисоли Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мутобиқат мекунад. Дар шиносномаи ихтисоси мазкур масъалаҳои низоми нави ташаккули афкори оммавӣ дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ ва нақши иттилоот, афзоиши нақши ВАО дар сиёсат ва равандҳои сиёсӣ, баҳамтаъсиррасонии иттилоотиву шаклгирии набардҳои иттилоотӣ ва афзудани нақши амнияти иттилоотӣ барои инкишофи давлат ишора гардидаанд. Дар банди 8-уми шиносномаи ихтисос «Хусусиятҳо ва низоми ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар сиёсат», «Афзудани нақши воситаҳои иттилооти оммавӣ дар шароити ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ», «Интернет ва сиёсат», «Масъалаи амнияти иттилоотӣ», «Махсусиятҳои мақом ва нақши ВАО дар ҳаёти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар банди 11-ум «Омилҳои хавф» ва «Усулҳои таҳлили хавфҳои сиёсӣ» барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд. Вобаста ба ин, мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси мазкур пурра мутобиқат менамоянд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Диловар Абдулаҳад ба омӯзиши яке аз масъалаҳои бунёдӣ ва дорои аҳаммияти афзалиятнок вобаста ба инкишофи навъи муносибатҳо ва шаклгирии раванду ҳодисаҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа дар низоми илмҳои сиёсӣ равона гардидааст. Дар шароити густариши технологияҳои рақамӣ ва

глобаликунонии сиёсат тавассути фазои иттилоотӣ, набардҳои иттилоотӣ ба яке аз воситаҳои асосии таъсиррасонии сиёсӣ ва геополитикӣ табдил ёфта, тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, платформаҳои рақамӣ ва технологияҳои муосир ба афкори ҷамъиятӣ, суботи сиёсӣ ва равандҳои идоракунии давлатӣ таъсири мустақим мерасонанд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи таҳкими давлатдорӣ ва ҳифзи истиқлолияти сиёсӣ қарор дорад, омӯзиши илмии ин раванд аҳаммияти махсуси илмӣ ва стратегӣ касб менамояд.

Рақамикунонӣ на танҳо ҷузъи рушди техникӣ, балки унсури муҳимми сиёсати давлатӣ ва амнияти миллӣ гардидааст. Дар чунин шароит шаклҳои нави ҳамлаҳои иттилоотӣ, аз ҷумла паҳнсозии иттилооти бардурӯғ, истифодаи шабакаҳои тақаллубона, таъсиррасонии кибериву алгоритмӣ ва имкониятҳои зеҳни сунъӣ барои ташаккули маъракаҳои сиёсӣ ва идеологӣ ба вуҷуд омадаанд. Ин равандҳо метавонанд ба устувории фазои сиёсӣ, амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ таъсири манфӣ расонанд, ки таҳқиқи илмии онҳо барои муайян намудани роҳҳои муқовимат ва пешгирии набардҳои иттилоотӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Аз дидгоҳи назариявию методологӣ, таҳқиқи масъалаи набардҳои иттилоотӣ имконият медиҳад, ки робитаи байни сиёсат, иттилоот ва технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир ба таври илмӣ арзёбӣ гардад. Омӯзиши механизмҳои таъсиррасонии иттилоотӣ, нақши шабакаҳои рақамӣ дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва хусусиятҳои мубориза҆ҳои иттилоотӣ барои рушди илмҳои сиёсӣ, махсусан дар бахши ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ, аҳаммияти назаррас дорад. Дар ин замина, таҳқиқоти мазкур ба таҳкими заминаҳои назариявии сиёсати иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ мусоидат менамояд. Бо дарназардошти таҳаввулоти босуръати технологияҳои рақамӣ ва афзоиши таҳдидҳои иттилоотӣ, масъалаи тавсеаи набардҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои онҳо дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ дорои аҳаммияти баланди илмӣ, сиёсӣ ва стратегӣ мебошад. Таҳқиқи мазкур ба таҳкими истиқлолияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти иттилоотӣ, рушди сиёсати миллӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ, такмили идоракунии рақамӣ ва ҳифзи устувории фазои сиёсӣ-иттилоотии кишвар мусоидат менамояд.

**Дараҷаи асоснокии гузоришҳои илмӣ хулосаю пешниҳод, ки довлатаби дараҷаи илмӣ дар диссертатсия овардааст.** Мавзуи диссертатсионии Саидзода Диловар Абдулаҳад дар мавзуи «Набардҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои онҳо дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ (дар мисоли Тоҷикистон)», пеш аз

ҳама, ба заминаҳои устувори назариявӣ ва методологӣ асос меёбад. Дараҷаи асоснокии гузоришҳои илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар диссертатсия пешниҳод намудааст, бо фарогирии васеи заминаҳои назариявию методологӣ, истифодаи усулҳои муосири таҳлили сиёсӣ, муқоисавӣ, системавӣ ва маҷмуии таҳқиқот асоснок гардидааст. Муаллиф зимни таҳқиқи масъала ҷанбаҳои назариявии набардҳои иттилоотӣ, таъсири технологияҳои рақамӣ ба равандҳои сиёсӣ, хусусиятҳои таҳдидҳои иттилоотӣ ва психологӣ, инчунин масъалаҳои соҳибихтиёрии иттилоотӣ ва амнияти миллиро дар робита ба воқеияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиши амиқи илмӣ қарор додааст.

Асоснокии илмии хулосаҳо, инчунин дар такя ба таҳлили амалии рафтори корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ, арзёбии таъсири платформаҳои иттилоотӣ ба афкори ҷамъиятӣ ва омӯзиши хатарҳои шабакавӣ дар шароити рақамикунонӣ ифода меёбад. Диссертант бо истифода аз маводи таҳлилӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, стратегияҳои давлатӣ, мавқеи коршиносон ва таҷрибаи байналмилалӣ тавонистааст робитаи байни рушди технологияҳои рақамӣ ва тавсеаи набардҳои иттилоотиро ба таври илмӣ асоснок намояд. Пешниҳод ва тавсияҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодгардида хусусияти назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонанд дар таҳкими сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти амнияти иттилоотӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, такмили механизмҳои муқовимат ба таҳдидҳои рақамӣ ва баланд бардоштани устувории фазои сиёсӣ-иттилоотӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот аз лиҳози илмӣ ва амалӣ мукаммал буда, ба талаботи корҳои диссертатсионии дараҷаи доктори илмҳои сиёсӣ ҷавобгӯ мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Диловар Абдулаҳад ба таври мушаххас пешниҳод гардидааст. Онҳо, пеш аз ҳама, дар таҳия ва таҳлили мукаммали заминаҳои назариявӣ-методологии масъала арзёбӣ мегарданд. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии «Набардҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои онҳо дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ (дар мисоли Тоҷикистон)» дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар илми сиёсии ватанӣ, хусусиятҳои асосии набардҳои иттилоотӣ дар шароити рушди воситаҳо ва технологияҳои рақамӣ, дар робита ба масъалаҳои таҳкими амнияти иттилоотӣ ва соҳибихтиёрии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври комил мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар доираи таҳқиқот ҷанбаҳои назариявию методологии набардҳои иттилоотӣ, асосҳои илмии ташаккули онҳо, хусусиятҳои назариявӣ ва методологии ин падида ҳамчун шакли

муосири рақобати сиёсӣ ва воситаи таъсиррасонӣ ба муҳити сиёсӣ таҳлил гардидаанд. Ҳамзамон, набардҳои иттилоотӣ дар низоми муносибатҳои сиёсии муосир, роҳҳои зуҳур, хусусиятҳо ва паёмадҳои онҳо барои суботи сиёсӣ арзёбӣ шуда, аҳаммияти рушди технологияҳои рақамӣ барои давлатҳо ва ҷомеа асоснок карда шудааст. Дар таҳқиқот таъсири ҳуҷумҳои сиёсию иттилоотӣ ва психологӣ ба шуури ҷамъиятӣ, механизмҳои таъсиргузории онҳо ва паёмадҳои эҳтимолии онҳо барои суботи сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф хусусиятҳои нави набардҳои иттилоотиро дар марҳилаи рушди технологияҳои рақамӣ муайян намуда, нақши алгоритмҳо, зеҳни сунъӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва инфрасохтори рақамиро дар ташаккул ва густариши таҳдидҳои иттилоотӣ таҳлил кардааст. Ҳамчунин, бархурди афзоиши таҳдидҳои ғайрианъанавӣ дар заминаи тавсеаи фазои рақамӣ ва воситаҳои иттилоотӣ кушода гардида, масъалаҳои таъсири ҳамлаҳои иттилоотию равонӣ ба шуури ҷамъиятӣ ва муҳити сиёсӣ аз дидгоҳи илмӣ арзёбӣ шудаанд.

Навгонии муҳимми дигари таҳқиқот дар баррасии масъалаҳои таъмини амният, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва таҳияи сенарияҳои муқовимат дар шароити набардҳои иттилоотӣ ифода меёбад. Дар диссертатсия мазмун, принсипҳо ва механизмҳои таҳким ва ҳифзи соҳибихтиёрии иттилоотии давлат муайян гардида, хусусиятҳои пешгирии хавфу хатарҳои набардҳои иттилоотӣ дар марҳилаи рақамикунонӣ бо дарназардошти шароити сиёсию амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил шудаанд. Ҳамзамон, истифодаи технологияҳои рақамӣ дар набардҳои иттилоотии муосир, муайян намудани майдонҳои осебпазири фазои рақамӣ ва имконияту иқтидорҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирӣ, безараргардонӣ ва коҳиши таъсири таҳдидҳои иттилоотӣ аз ҷумлаи натиҷаҳои нави илмии таҳқиқот ба шумор мераванд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки хулоса ва натиҷаҳои илмии пешниҳодшуда ба рушди назарияи набардҳои иттилоотӣ, омӯзиши хусусиятҳои фазои рақамӣ ва таҳқиқи равандҳои таъсиррасонии иттилоотӣ дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ мусоидат менамоянд. Муаллиф ҷанбаҳои назариявию методологии набардҳои иттилоотиро ҳамчун шакли муосири рақобати сиёсӣ таҳлил намуда, нақши онҳо дар ташаккули муҳити сиёсӣ, амнияти иттилоотӣ ва соҳибихтиёрии иттилоотии давлатро асоснок кардааст. Таснифот ва равишҳои пешниҳодгардида метавонанд

барои таҳқиқоти минбаъдаи масъалаҳои амнияти иттилоотӣ, геополитикаи рақамӣ ва технологияҳои сиёсӣ ҳамчун заминаи илмӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳои илмии муаллиф барои таҳияи механизмҳои самараноки ҳифзи фазои иттилоотӣ, таҳкими истиқлолияти иттилоотӣ ва коҳиши таҳдидҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти муҳим доранд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои амнияти иттилоотӣ, танзими муҳити рақамӣ, назорати фаъолияти шабакаҳои иҷтимоӣ, ташкили инфрасохтори боэътимоди амнияти рақамӣ ва таҳияи стратегияҳои муқовимат ба таҳдидҳои иттилоотию равонӣ истифода шаванд. Ҳамчунин, онҳо ба мақомоти давлатӣ ва сохторҳои таҳлилӣ имконият медиҳанд, ки механизмҳои мониторинг, пешгирӣ ва безараргардонии таҳдидҳои иттилоотиро такмил диҳанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот барои соҳаҳои таълимӣ ва таҳқиқотӣ низ аҳаммияти калон дошта, метавонанд дар раванди таълими фанҳои сиёсатшиносӣ, геополитика, технологияҳои сиёсӣ, амнияти миллӣ, сиёсати давлатӣ ва идоракунӣ, сиёсат ва ВАО истифода гарданд. Бар асоси маводи таҳқиқот таҳияи барномаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ ва омодасозии мутахассисони соҳаи амнияти иттилоотӣ, коммуникатсияи рақамӣ ва идоракунии стратегии иттилоот имконпазир мегардад. Дар маҷмуъ, таҳқиқоти мазкур ба таҳкими иқтидори миллӣ дар соҳаи ҳифзи фазои иттилоотӣ, таъмини суботи сиёсӣ ва рушди устувори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дараҷаи эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Диловар Абдулаҳад дар мавзуи «Набардҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои онҳо дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ (дар мисоли Тоҷикистон)», пеш аз ҳама, бо воқеият ва саҳеҳ будани маълумоти истифодашуда, инчунин бо кофӣ ва фарогир будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ таъмин гардидааст. Диссертатсия дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмии ватаниву хориҷӣ, санадҳои расмӣ, ҳуҷҷатҳои меъёри ҳуқуқӣ, стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳои давлатӣ, инчунин нутқу изҳороти роҳбарияти олии кишвар таҳия шудааст. Ҳангоми таҳқиқ маводи гуногунсамти иттилоотӣ ва таҳлилҳои расонаҳои дохилию хориҷӣ мавриди истифода қарор гирифта, ин ҳолат барои таҳкими заминаҳои илмии хулосаҳо ва пешниҳодҳои таҳқиқот мусоидат намудааст.

Дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот тавассути истифодаи усулҳои муосири таҳлили сиёсӣ, аз ҷумла таҳлили системавӣ, диалектикӣ, муқоисавӣ, таҳлили мундариҷа, методи навъбандӣ ва таҳлили эволютсионии равандҳои иттилоотӣ таъмин карда шудааст. Истифодаи чунин усулҳои илмӣ имконият додааст, ки хусусиятҳои назариявӣ ва амалии набардҳои иттилоотӣ, нақши технологияҳои рақамӣ дар тавсеаи онҳо, таҳдидҳои ғайрианъанавӣ, таъсири ҳуҷумҳои иттилоотию психологӣ ба шуури ҷамъиятӣ ва масъалаҳои соҳибихтиёрии иттилоотӣ ба таври комплексӣ таҳқиқ карда шаванд. Дар ин замина, масъалаҳои марбут ба назорати платформаҳои иттилоотӣ, рафтори корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ ва таъсири онҳо ба равандҳои сиёсӣ аз дидгоҳи илмӣ арзёбӣ гардидаанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот инчунин бо сохтори мантиқии диссертатсия ва фарогирии ҳамаҷонибаи масъалаҳои таҳқиқшаванда таъмин мегардад. Бобҳои диссертатсия пайдарпай ҷанбаҳои назариявию методологии набардҳои иттилоотӣ, таъсири рақамикунонӣ ба тавсеаи онҳо, масъалаҳои рушди таҳдидҳои иттилоотӣ дар фазои рақамӣ, таҳкими соҳибихтиёрии иттилоотӣ ва роҳҳои пешгирии хавфу хатарҳои иттилоотиро фаро гирифтаанд. Ин равиши илмӣ ва низомманд имкон додааст, ки хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда аз лиҳози илмӣ асоснок гашта, барои таҳияи механизмҳои муосири таъмини амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта бошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бо иштироки мустақим ва фаъоли ӯ дар ҳамаи марҳилаҳои таҳия, коркард ва таҳлили мавзуи интихобшуда муайян мегардад. Муаллифи диссертатсия дар тӯли панҷ соли охир ба ҷамъоварӣ, омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ, сарчашмаҳои назариявӣ ва маводи таҳқиқотии марбут ба масъалаҳои набардҳои иттилоотӣ ва технологияҳои рақамӣ машғул гардидааст. Дар давраи солҳои 2021–2025 маводи ҷамъоваришуда мавриди коркард ва таҳлили илмӣ қарор гирифта, дар заминаи онҳо мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқотӣ таҳия ва пешниҳод шудаанд. Тавсияҳо ва пешниҳодҳои илмии довталаби дараҷаи илмӣ оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси хулосаҳои илмии диссертатсия, таҳлили воқеии равандҳои сиёсӣ ва иттилоотӣ, инчунин мушоҳидаҳои шахсии муаллиф таҳия гардидаанд. Пешниҳодҳои мазкур ба такмили механизмҳои таъмини амнияти

иттилоотӣ, таҳкими соҳибихтиёрии иттилоотӣ ва рушди низоми муқовимат ба таҳдидҳои иттилоотӣ дар шароити рақамикунонӣ равона шудаанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аҳаммияти зиёди илмию назариявӣ ва амалӣ доранд. Муаллифи диссертатсия дар рисолаи хеш на танҳо моҳият ва хусусияти набардҳои иттилоотӣ, балки дараҷаи таъсиррасонии онҳо ба фазои сиёсии мафкуравӣ, равандҳои сиёсӣ, амнияти идеологӣ иттилоотӣ, ҳадафҳо ва барномаҳои давлатиро дақиқ намудааст. Бояд зикр намуд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ яке аз аввалин кӯшишҳо дар доираи илми сиёсии ватанӣ дар самти омӯзиши ҳамаҷонибаи мавзуи тавсеаи набардҳои иттилоотӣ дар шароити рушди рақамикунонӣ ба шумор меравад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Диссертатсияи Саидзода Диловар Абдулаҳад дар мавзуи «Набардҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои онҳо дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ (дар мисоли Тоҷикистон)» вобаста ба заминаи мустаҳками консептуалӣ доштанаш, дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, панҷ боб, чордаҳ зербоб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат буда, 426 саҳифаи матни чопиро ташкил медиҳад. Номгӯйи адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда 345 ададро ташкил медиҳад. Мубрамияти мавзуи таҳқиқот дар заминаи таҳлили амиқи равандҳои сиёсию иттилоотии муосир, омӯзиши таҳдидҳои нави фазои рақамӣ ва арзёбии таъсири набардҳои иттилоотӣ ба амнияти миллӣ, суботи сиёсӣ ва ҳувияти фарҳангии ҷомеа асоснок карда шудааст. Дар муқаддимаи кори илмӣ таъкид мегардад, ки дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ, густариши шабакаҳои иҷтимоӣ ва афзоиши воситаҳои таъсиррасонии иттилоотӣ, масъалаи набардҳои иттилоотӣ ба яке аз самтҳои муҳимми таҳқиқоти сиёсӣ ва амниятӣ табдил ёфтааст. Дар ин замина, омӯзиши хусусиятҳо, шаклҳо ва механизмҳои набардҳои иттилоотӣ, дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун масъалаи мубрами илмӣ ва амалӣ арзёбӣ гардида, аҳаммияти он барои таҳкими амнияти иттилоотӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини суботи ҷомеа ва баланд бардоштани сатҳи муқовимати иттилоотии давлат аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок шудааст. Боби якуми диссертатсия – «Ҷанбаҳои назариявию методологии таҳқиқи набардҳои иттилоотӣ» ба баррасии асосҳои назариявию методологии омӯзиши набардҳои иттилоотӣ,

таҳлили моҳият ва хусусиятҳои онҳо, муайян намудани ҷойгоҳу нақши иҷтимоию сиёсии набардҳои иттилоотӣ дар низоми муносибатҳои сиёсӣ, инчунин омӯзиши вазъ ва шаклҳои муосири онҳо дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ бахшида шудааст.

Дар зербоби 1.1. «Таҳлили назариявию методологии хусусиятҳои муҳимми набардҳои иттилоотӣ» масъалаҳои назариявии набардҳои иттилоотӣ, равандҳои ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, таъсири инқилоби иттилоотӣ ба тағйирёбии муносибатҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ, инчунин хусусиятҳои асосии инфосфераи виртуалӣ таҳлил гардидаанд.

Дар зербоби 1.2. «Набардҳои иттилоотӣ ва мақоми иҷтимоию сиёсии онҳо дар низоми муносибатҳои сиёсӣ» ҷойгоҳ ва нақши набардҳои иттилоотӣ дар низоми муносибатҳои сиёсӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, истифодаи онҳо ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва шакли нави рақобати сиёсӣ таҳлил шудааст. Инчунин, хусусиятҳои муносибатҳои сиёсӣ дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ ва вобастагии онҳо ба равандҳои иттилоотию коммуникатсионӣ баррасӣ гардидаанд.

Дар зербоби 1.3. «Таҳлилу таҳқиқи амалии вазъи набардҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои бевоситаи онҳо дар шароити муосир» шаклҳо ва усулҳои муосири набардҳои иттилоотӣ, аз ҷумла ҳамлаҳои киберӣ, истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ барои таъсир ба афкори омма, паҳнсозии иттилооти бардурӯғ, манипулятсияи шуури ҷамъиятӣ ва дахолат ба равандҳои сиёсӣ таҳлил гардидаанд.

Боби дуюми диссертатсия – «Рақамикунонӣ ҳамчун омили васеъшавии набардҳои иттилоотӣ ва таъсири он ба раванди сиёсии муосир» ба таҳлили рушди технологияҳои рақамӣ, нақши рақамикунонӣ дар тағйирёбии муҳити сиёсӣ ва иҷтимоӣ, инчунин омӯзиши таъсири набардҳои иттилоотӣ ба низоми сиёсии давлатҳои муосир бахшида шудааст. Дар ин боб масъалаҳои вобаста ба густариши технологияҳои рақамӣ, тағйирёбии шаклҳои муборизаи сиёсӣ ва таъсири онҳо ба амнияти иттилоотӣ ва суботи сиёсӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар зербоби 2.1. «Рушди технологияи рақамӣ ва аҳаммияти он дар шароити рушди рақамикунонӣ» масъалаҳои асосии рушди технологияҳои рақамӣ, раванди рақамикунонӣ ва нақши он дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ баррасӣ шудаанд. Муайян гардидааст, ки рақамикунонӣ ҳамчун яке аз тамоюлҳои муҳимми рушди низоми сиёсии муосир, ба низоми идоракунии давлатӣ, фаъолияти институтҳои сиёсӣ, равандҳои коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти миллӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Дар зербоби 2.2. «Набардҳои иттилоотии муосир ва таъсири он ба низоми сиёсии пешрафтаи давлатҳо» хусусиятҳои набардҳои иттилоотӣ ҳамчун шакли нави муқовимати сиёсӣ ва таъсири онҳо ба низоми сиёсии давлатҳои пешрафта мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муайян карда шудааст, ки набардҳои иттилоотӣ тамоми равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро фаро гирифта, ба афкори ҷамъиятӣ ва рафтори сиёсӣ таъсири мустақим мерасонанд.

Боби сеюми диссертатсия – «Масъалаҳои рушди набардҳои иттилоотӣ дар шароити амалӣ гардидани технологияи рақамӣ» ба таҳлили равандҳои густариши набардҳои иттилоотӣ дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ, омӯзиши таҳдидҳои ғайрианъанавӣ, рафтори сиёсии корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ ва таъсири ҳамлаҳои иттилоотию психологӣ ба шуури ҷамъиятӣ бахшида шудааст. Дар ин боб масъалаҳои вобаста ба ташаккули муҳити нави иттилоотӣ, маданияти шабакавӣ ва таъсири технологияҳои рақамӣ ба раванди сиёсӣ ва амнияти иттилоотии ҷомеа баррасӣ гардидаанд.

Дар зербоби 3.1. «Тамоюлоти рушди таҳдидҳои ғайрианъанавӣ дар раванди тавсеаи технологияи рақамӣ ва воситаҳои иттилоотӣ» масъалаҳои вобаста ба густариши таҳдидҳои ғайрианъанавӣ дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ таҳлил шудаанд. Муайян гардидааст, ки пешрафти технологияҳои иттилоотӣ на танҳо имкониятҳои нави коммуникатсиониро фароҳам намудааст, балки заминаи ташаккули таҳдидҳои навро низ ба вуҷуд овардааст. Ба ин гурӯҳ таҳдидҳо манипулятсияи иттилоот, таъсиррасонии пинҳонӣ ба афкори ҷамъиятӣ, паҳнсозии иттилооти бардурӯғ, коҳиши арзишҳои фарҳангӣ ва миллӣ, вобастагии равонӣ аз муҳити рақамӣ, ҷудошавии иҷтимоӣ ва тағйирёбии сохтори амнияти миллӣ дохил мешаванд. Ҳамчунин, дар ин қисмати рисола нақши воситаҳои рақамӣ дар тавсеаи набардҳои иттилоотӣ ва таъсири онҳо ба суботи ҷомеа баррасӣ шудаанд.

Дар зербоби 3.2. «Таҳлили сиёсии рафтори корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ дар фазои Интернет» хусусиятҳои рафтори сиёсии корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ ва нақши онҳо дар муҳити коммуникатсияи рақамӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муайян гардидааст, ки шабакаҳои иҷтимоӣ ба яке аз воситаҳои асосии муошрати сиёсӣ ва ташаккули афкори ҷамъиятӣ табдил ёфтаанд. Дар зербоби мазкур таъсири муҳити рақамӣ ба рафтори сиёсӣ, сатҳи рӯйоварӣ ва фаъолнокии корбарон, инчунин нақши шабакаҳои иҷтимоӣ дар мубодилаи иттилоот, ташаккули мавқеи сиёсӣ ва таъсиррасонӣ ба шуури ҷомеа таҳлил гардидаанд.

Дар зербоби 3.3. «Таъсири ҳуҷумҳои сиёсӣ, иттилоотӣ ва психологӣ ба шуури ҷамъиятӣ» масъалаҳои вобаста ба таъсири иттилоотию равонӣ ба шуури ҷамъиятӣ ва истифодаи механизмҳои муосири таъсиррасонӣ дар муҳити рақамӣ таҳлил шудаанд. Муайян карда шудааст, ки набардҳои иттилоотӣ дар шароити муосир аз шаклҳои анъанавии таблиғот гузашта, ба усулҳои мураккабтари таъсири психологӣ ва манипулятивӣ такя менамоянд. Дар зербоб нишон дода шудааст, ки чунин таъсиррасонӣ тавассути воситаҳои ахбори омма, шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои рақамӣ ба тағйир додани ҷаҳонбинӣ, арзишҳо, муносибатҳо ва рафтори иҷтимоиву сиёсии шаҳрвандон равона мегардад.

Боби чоруми диссертатсия – «Назорати платформаҳои иттилоотӣ ва таҳкими истиқлолияти иттилоотӣ» ба таҳлили масъалаҳои назорати платформаҳои иттилоотӣ, нақши шабакаҳои иҷтимоӣ дар раванди муборизаҳои сиёсӣ ва таҳкими соҳибихтиёрии иттилоотӣ дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ бахшида шудааст. Дар ин боб механизмҳои таъсиррасонии иттилоотӣ ба шуури ҷамъиятӣ, бархӯрди манфиатҳои сиёсӣ дар муҳити рақамӣ ва роҳҳои таъмини амнияти иттилоотии давлат мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар зербоби 4.1. «Шабакаҳоҳи иҷтимоӣ – майдони баҳсҳои сиёсӣ барои набардҳои иттилоотӣ» нақши шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун муҳити асосии рақобати сиёсӣ ва таъсиррасонии иттилоотӣ баррасӣ шудааст. Муайян гардидааст, ки платформаҳои рақамӣ ба фазои калидии ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва идоракунии рафтори сиёсӣ табдил ёфтаанд. Ҳамчунин, имкониятҳои шабакаҳои иҷтимоӣ дар паҳнсозии босуръати иттилоот, таъсир ба эҳсосоти оммавӣ ва истифодаи механизмҳои манипулятивӣ дар равандҳои сиёсӣ таҳлил гардидааст.

Дар зербоби 4.2. «Арзёбии бархӯрди манфиатҳо дар платформаҳои иттилоотӣ: хосиятҳо ва моҳияти онҳо» масъалаҳои вобаста ба рақобати иттилоотӣ ва бархӯрди манфиатҳои давлатҳо ва элитаҳои сиёсӣ дар муҳити рақамӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Муайян карда шудааст, ки платформаҳои иттилоотӣ ба воситаи муҳимми таъсиррасонӣ ба шуури ҷамъиятӣ, ташаккули қарорҳои сиёсӣ ва фаъолсозии гурӯҳҳои иҷтимоӣ мубаддал гардидаанд. Ҳамзамон, шаклҳои муосири муборизаи стратегӣ дар фазои иттилоотӣ ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ барои ҳифзи манфиатҳои сиёсӣ таҳлил шудаанд.

Дар зербоби 4.3. «Соҳибихтиёрии иттилоотӣ ва хусусиятҳои муҳимми таъмин ва таҳкими он» масъалаҳои вобаста ба моҳият ва аҳаммияти

соҳибихтиёрии иттилоотӣ, роҳҳои ҳифзи фазои иттилоотии миллӣ ва таъмини амнияти инфрасохтори рақамӣ баррасӣ гардидаанд. Муайян карда шудааст, ки соҳибихтиёрии иттилоотӣ қобилияти давлатро барои идора ва танзими мустақили муҳити иттилоотӣ инъикос менамояд. Дар ин зербоб ҷанбаҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва техникии соҳибихтиёрии иттилоотӣ, инчунин аҳаммияти он дар ташаккули сиёсати давлатӣ ва таъмини амнияти миллӣ дар шароити ҷомеаи рақамӣ таҳлил гардидааст.

Боби панҷуми диссертатсия – «Пешгирии хавфу хатари набардҳои иттилоотӣ дар раванди рақамикунонӣ» ба таҳлили масъалаҳои таъмини амнияти иттилоотӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва роҳҳои муқовимат ба таҳдидҳои иттилоотӣ дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ бахшида шудааст. Дар ин боб масъалаҳои вобаста ба таҳияи стратегияҳои муқовимат ба набардҳои иттилоотӣ, таҳкими амнияти миллӣ ва пешгирии хатарҳои шабакавӣ дар муҳити рақамӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Дар зербоби 5.1. «Муҳиммияти таъмини амнияти миллӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва таҳияи стратегияи ғолиб омадан дар шароити набардҳои иттилоотӣ» роҳҳои асосии ҳифзи амнияти иттилоотӣ ва муқовимат ба таъсиррасониҳои иттилоотӣ таҳлил гардидаанд. Муайян шудааст, ки халалдор гардидани амнияти иттилоотӣ метавонад ба суботи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлат таъсири манфӣ расонад.

Дар зербоби 5.2. «Афзоиши набардҳои иттилоотӣ ва таъсири онҳо ба сатҳи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» хусусиятҳои таҳдидҳои иттилоотии муосир, таъсири онҳо ба амнияти миллӣ ва суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд. Дар зербоби мазкур нақши шабакаҳои иҷтимоӣ, платформаҳои иттилоотӣ ва муҳитҳои рақамии фаромиллӣ дар паҳнсозии иттилооти таҳрикомез, идеологияҳои бегона ва таъсиррасонии психологӣ таҳлил шудааст.

Дар зербоби 5.3. «Хатарҳои шабакавӣ дар раванди таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» масъалаҳои марбут ба таҳдидҳои шабакавӣ, осебпазирии инфрасохторҳои рақамӣ ва зарурати таҳкими механизмҳои институтсионалӣ ва технологӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Нақши шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои рақамӣ ҳамчун воситаи асосии паҳнсозии иттилоот ва таъсиррасонӣ ба шуури ҷамъиятӣ таҳлил гардида, зарурати такмили сиёсати давлатӣ дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи фазои иттилоотии миллӣ асоснок карда шудааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 мақолаи илмӣ нашр намудааст. Инчунин, аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ панҷ маърузаи илмӣ чоп намудааст. Интишороти довталаб ба талаботи бандҳои 34-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ бо риояи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ гардидааст, ба расмият даровардa шудааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Довталаби дараҷаи илмӣ диссертатсияи номзадии худро соли 2019 дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккули сарварии сиёсӣ дар шароити тағйирёбии ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон)» аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ ҳимоя намудааст. Ҳам фаъолияти илмӣ ва ҳам омӯзгории ӯ бо ихтисоси илмии интихобнамудааш мувофиқат доранд. Ҳамаи мақолаҳои илмии чопшудаи муаллиф аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мебошанд. Довталаб аз уҳдаи мустақилона анҷом додани фаъолияти илмӣ баромадааст ва ба корҳои илмию таҳқиқотӣ шавқу рағбати зиёд дорад. Довталаби дараҷаи илмӣ дар пешбурди корҳои таҳқиқотии соҳаи илмии худ фаъолона иштирок менамояд. Бо назардошти дастовардҳои илмии довталаб, гуфтан мумкин аст, ки тахассуси илмии Саидзода Диловар Абдулаҳад ба дараҷаи илмии дарёфтшаванда мутобиқат менамояд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Диловар Абдулаҳад дар баробари муваффақиятҳо норасоиҳо низ ҷой доранд, ки онҳоро дар шакли эрод метавонем пешниҳод намоем:

1. Диссертант дар кори илмии худ ҷумлаи «Тасмимгириҳои давлат дар фазои иттилоотӣ аз дараҷаи ҳимояшавандагии арзишҳо ва тамаддуни миллӣ - шаҳрвандиаш дарак медиҳад»-ро қайд мекунад. (саҳ. 259) Ҷумлаи мазкур аз

ҷиҳати мантиқӣ норавшан аст, зеро ибораи «тамаддуни миллӣ - шаҳрвандиаш» мақсадро дуруст баён накардааст;

2. Дар диссертатсия ибораи «истиқлолияти сахт» ва «истиқлолияти нарми иттилоотӣ» (саҳ. 265) истифода шудаанд, аммо муаллиф барои ин сарчашма ё асоси назариявии мушаххас пешниҳод накардааст;

3. Муаллиф дар қисмати охири зербоби 5.3.-и боби панҷум (саҳ. 384-385) чор марҳилаи ташаккули амниятро номбар мекунад, аммо механизми амалисозии онҳо барои Тоҷикистон пешниҳод нашудааст;

4. Дар диссертатсия такрори ҷумлаҳо ба назар мерасанд. Мисол, дар саҳифаи 268 ҷумлаи зерин омадааст: "Аз як тараф, ин ба эҷоди инфрасохтори миллии иттилоотӣ, муҳофизат аз таҳдидҳои берунии иттилоотӣ ва дахолати хориҷиён дахл мекунад ва аз тарафи дигар, ба таъмини амнияти иттилоотии давлат тавассути меъёрҳои стратегӣ, ҳуқуқӣ ва системаҳои назоратӣ равона гардидааст". Ҳамин ҷумла дар саҳифаи 381 такрор шудааст;

5. Дар диссертатсия хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо мувофиқи мақсад мебошад.

Дар маҷмуъ, нуктаҳои зикршуда дорои хусусияти тавсиявӣ дошта, ба мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд ва арзиши илмӣ, навоварӣ ва аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқоти пешниҳодшударо коҳиш намедиҳанд. Баръакс, онҳо метавонанд ҳамчун замина барои такмили минбаъдаи таҳқиқ ва густариши самтҳои илмии баррасишуда хизмат намоянд.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия.** Хулоса, рисолаи диссертатсионии Саидзода Диловар Абдулаҳад дар мавзуи «Набардҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои онҳо дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ (дар мисоли Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ дар сатҳи зарурӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқат мекунад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои 32 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 08 майи соли 2026 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 11 нафар омӯзгорони кафедраи мазкур иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 11 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси маҷлис:
мудири кафедраи сиёсатшиносии
ДДҲБСТ, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент /__________/ Якубов Ҷ.К.

Эксперт:
доктори илмҳои сиёсӣ, дотсенти
кафедраи сиёсатшиносии ДДҲБСТ /__________/ Саидзода Ш.Ш.

Котиби маҷлис:
номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи сиёсатшиносии ДДҲБСТ /__________/ Қобилова С.Я.

Имзоҳои Якубов Ҷ.К., Саидзода Ш.Ш.,
Қобилова С.Я.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон /__________/ Бобоев А.Х.

Суроғаи муассиса:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,
шаҳри Хуҷанд, мкр-н 17, хонаи 1.
Тел: +992 (3422) 23811
E-mail: tsulbp@rambler.ru

«19» ____05____ соли 2026